«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.______________________
«_21_» ____04________соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №8

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 17 апрели 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С.**

**Котиб:** Неъматова М.А.

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Сулаймонзода М.С., н.и.ҳ., профессор Имомов А., д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С., д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н., д.и.ҳ., дотсент Соибов З.М., д.и.ҳ., дотсент Якубзода С.Н., н.и.ҳ., дотсент Ойев Х., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Салоҳидинова С.М., н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш., н.и.ҳ., дотсент Наимзода Б.Ғ., н.и.ҳ., дотсент Шерализода Ҷ.Ш., н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш., н.и.ҳ., муаллими калон Абдулаҳадзода С.А., муаллими калон Саиданварзода Қ.Ҷ., муаллими калон Муродзода У.У. ва лаборанти калони кафедра Неъматова М.А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

1. **Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ **Мирзозода Шаҳриёр Мунавар** баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмарраги, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки ба таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ба меҳнат бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки танзим ва татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ҳамроҳӣ мекунанд, рушд ва мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳимми танзими қонунгузории ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда, онро аз нав дида мебароянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни илмии категорияи «ҳуқуқ ба меҳнат» мусоидат намуда, заминаи мавҷудбударо барои рушди қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра менамояд.

Мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ метавон ба иаври зайл баён намуд: ин ҳуқуқест, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро баҳри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатҳои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши болозикр тавсиф намуда, бояд қайд кард, ки асоси онро ифодаи ихтиёрии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, вобаста ба хусусияти амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнат ду гурӯҳи ваколатҳо вуҷуд доранд - а) ҳуқуқ-ваколатҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла, ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилиятҳои худ дар меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб, ҳуқуқ оид ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ, ба монанди ҳуқуқ ба корпартоӣ; б) ҳуқуқ-даъвоҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ ба музди меҳнати баробар барои кори якхела, ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат.

Диссертатсия аз муқаддима 2 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Таҳқиқоти мазкур метавонад, инчунин, ҳамчун маводи таълимӣ зимни таҳияи фанҳои таълимии ҳуқуқи конститутсионӣ ва баргузор намудани

машғулиятҳои таълимӣ дар мавзуи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода шавад.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Имомов А., н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ. ва н.и.ҳ., дотсент Ойев Х. ба унвонҷӯ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар саволҳо дода шуд, ки ба онҳо ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ Азиз Мусо, баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Наимзода Б.Ғ. ва н.и.ҳ. дотсент Шерализода Ҷ.Ш. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд. Қайд карда шуд, ки Мирзозода Шаҳриёр Мунавар муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 14 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани

пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 17 апрели соли 2025 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 18 нафар, аз ҷумла, 4 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 12 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар ассистент.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар.

**Раиси ҷаласа:** Сулаймонзода М.С.
**Котиби ҷаласа:** Неъматова М.А.

**Имзоҳои Сулаймонзода М.С. ва Неъматова М.А.-ро ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«18» 04 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тел.: 2217711, факс: 2271510 Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj